Эсхата

**«Тасдиқ шудааст»**
аз тарафи Шӯрои нозирони
ҶСК «Бонки Эсхата»
Пайнавишти
№18/2024 аз 23.09.2024

# КОДЕКСИ КОД-001:2024

этикаи корпоративии ҶСК «Бонки Эсхата»
(Таҳрири 05)

**Мавриди амал аз 02.10.2024**

## 1. Муқаррароти умумӣ

**1.1.** Кодекси мазкур ҳуҷҷати дохилии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата» буда, этикаи корпоративӣ, меъёрҳои рафтори дихилибонкиро дар асоси Миссия ва стратегия, арзишҳои Бонк муайян мекунад, кафолатҳои босамару одилонаро ба кормандон, роҳбарият, мизоҷон пешниҳод менамояд, инчунин риояи қонунҳо ва сиёсатҳои дохилиро кафолат медиҳад.

**1.2.** Кодекси мазкур қоидаҳои умумиҳатмии рафторро дар худ таҷассум намуда, риояи он аз тарафи ҳамаи кормандони Бонк ҳатмӣ мебошад.

**1.3.** Вазифаҳои Кодекси мазкур инҳоянд:

- дар асоси Миссия, стратегия ва арзишҳои корпоративии Бонк принсипҳои ахлоқи корпоративии Бонкро муқаррар кардан;
- таъмини дарки ҳисси баланди масъулият аз тарафи Кормандони Бонк дар назди мизоҷон, шарикони тиҷоратӣ, саҳмдорони Бонк ва ҳамкорон дар иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии худ, инчунин нақши худ барои дар амал татбиқ намудани Миссияи Бонк;
- муайян намудани асосҳои муносибатҳои мутақобилаи Бонк бо мизоҷон, шарикони тиҷоратӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, рақибони тиҷоратӣ ва кормандон. Ҳифзи манфиатҳои саҳмдорон, мизоҷон, шарикони тиҷоратӣ ва кормандони Бонк.

**1.4.** Ҳамаи аъзоёни мақомоти идоракунӣ ва назоратӣ, инчунин кормандони Бонк ӯҳдадоранд дар вақти кор ва ҳам берун аз он барои пешгирӣ кардани ҳолатҳо ва амалҳое, ки метавонанд ба обрӯи Бонк зарари ҷиддӣ расонанд, чораандешӣ намоянд.

## 2. Истилоҳҳо ва ихтисорҳо

**Бархӯрди манфиатҳо** - вазъияте, ки дар он зиддият байни манфиатҳои шахсии шахсони мансабдори Бонк ва кормандони он, ҳангоми иҷрои дурусти ваколатҳои хизматӣ ё амволӣ ва ё дигар манфиатҳои Бонку кормандон ва муштариёни он ба миён омада, метавонад оқибатҳои номусоидро барои Бонк ва муштариёни он ба миён оварад

**БМТ** - Бонки миллии Тоҷикистон

**Бонк ё Бонки Эсхата** - Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата» (ҶСК «Бонки Эсхата»).

**Маълумоти инсайдерӣ** – маълумоти дуруст дар бораи коғазҳои қиматнок (воситаҳои молиявии ҳосилшуда) -и Бонк, амалиётҳо бо онҳо, инчунин дар бораи эмитенте, ки коғазҳои қиматнок (воситаҳои молиявии ҳосилшуда) баровардааст (пешниҳод кардааст), фаъолияти аз ҷониби ӯ анҷомдодашаванда, инчунин, дигар маълумоте, ки ба шахсони сеюм маълум нест, ки ифшои он метавонад ба тағйирёбии арзиши коғазҳои қиматнок (воситаҳои молиявии ҳосилшуда) ва фаъолияти эмитенти онҳо таъсир расонад. Маълумот то ифшои расмии он аз ҷониби Бонк маълумоти инсайдерӣ ба ҳисоб меравад.

**Маълумоти махфӣ** – ҳама гуна иттилооте, ки оммавӣ (кушода) набуда, ошкор кардани он метавонад ба нархи бозории коғазҳои қиматноки баровардаи эмитент, аҳдҳо бо онҳо, ба худи эмитент ва фаъолияти он, инчунин ба шахсони дигаре, ки иттилооти мазкур ба онҳо дахл дорад, таъсир расонад. Маълумот (инфиродӣ ва ҷамъбастӣ) дар бораи музди Меҳнати Кормандони Бонк ва дигар мукофотҳои пулӣ (бо тартиби муқарраргардида маълумоти зикршуда метавонад бо дархости хаттии нозироти андоз, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ гузориш дода шавад); Нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва ҷорӣ оид ба ташкили фаъолияти

молияви; Нақшаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти маркетингӣ; Маълумот дар бораи сохтори шабакаи иттилоотӣ-ҳисоббарории Бонк, маълумот дар бораи воситаҳои барномавии коркард ва ҳифзи иттилоот; Маълумот дар бораи ташкили ҳифз, низоми гузариш, мустаҳкамкунии муҳандисӣтехникии биноҳои Маълумоти мухтасар дар бораи мизоҷон, контрагентон ва шарикони Бонк; Маълумот дар бораи саҳмдорони Бонк (ба истисноӣ маълумоти ҳатман интишоршаванда); Маълумот оид ба таҳлили комплексии фаъолияти молиявию хоҷагии Бонк; Ҳисобҳо ба ҳуҷҷатҳои банақшагирӣ ва таҳлилӣ; Ҷадвалҳо ва нақшаҳои санҷиш ва тафтиш ва дигар маълумотхо мувофики Низомнома оид ба корбарӣ бо маълумотҳои махфӣ дар ҶСК “Бонки Эсхата

**Мо –** Бонк ва кормандони он, саҳмдорон, аъзои Раёсат ва Шӯрои нозирон

**Тухфа** - дилхоҳ арзиши моддӣ ё ғайримоддие, ки барои он уҳдадории пардохтани нархи муқаррарӣ вуҷуд надорад

**Хати маълумотдиҳӣ** – шабакаҳои коммуникатсионие, ки барои хабардор намудани кормандони воҳидҳои ваколатдор дар бораи азм ё далели вайронкунии меъёрҳои Кодекси мазкур ва инчунин барои додани маслиҳатҳо муқаррар шудаанд.

**ҶТ** - Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 3. Миссия ва арзишҳои корпоративии Бонк

**3.1. Миссияи Бонк** - Фарохам овардани имконият барои рушд

### 3.2 Арзишҳои корпоративии Бонк:

**3.2.1. Ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳ** - Мо барои беҳбудӣ бо роҳи изҳори ғамхорӣ нисбати ҳамаи шарикони худ - саҳмдорон, ҳамкорон ва кормандон, муштариён ва нозирон, ҷомеа ва муҳити зист ҳамешаги саъю кӯшиш менамоем.

**3.2.2. Ростқавлӣ ва кордонӣ** - Мо дар фаъолияти худ принсипҳои ростқавлӣ, шаффофият ва касбиятро пешаи худ қарор медиҳем.

**3.2.3. Эҳтиром** - Мо ба ҳамаи шарикони худ бо эҳтироми беандоза муносибат мекунем. Муносибати эҳтиромонаи байниҳамдигарӣ байни кормандон новобаста аз вазифаи мансабиашон арзиши калон дорад. Мо барои рушди касбии кормандон шароити мусоид фароҳам меорем. Мо уҳдадор ҳастем, ки фаъолияти худро дар мувофиқа бо таҷрибаҳои беҳтарини бонкӣ ва меъёрҳои танзимкунандаву талаботҳои дохилӣ ба роҳ монем.

**3.2.3. Навоварӣ** - Мо қарорҳо ва технологияҳои инноватсиониро пайгирӣ ва эътироф мекунем, зеро онҳо моро водор месозанд, ки ба шарикони худ беҳтарин хизматрасониҳо ва маҳсулотро пешниҳод кунем. Мо дар байни шарикони худ навоварӣ ва рӯҳияи соҳибкориро ташвиқ мекунем.

**3.2.4. Боэътимодӣ** - Барои мо шарики боэътимод будан маънои онро дорад, ки мо ба хотири ба даст овардани фоидаи кӯтоҳмуддат аз арзишҳо ва шаъну шарафи худ даст нахоҳем кашид.

### 3.3 Ҳар як корманди Бонк:

- Асоси фаъолияти ҳаётӣ ва маданияти корпоративии Бонк буда, принсипҳо ва эътимоднокиро ҳамеша ва дар ҳама ҷо нигоҳ медорад;
- Интизории мизоҷонро қонеъ мекунад;

- Боварии мизоҷонро таъмин менамояд.

**3.4. Дастаи Бонк:**

- Дастаи ман – ин на танҳо воҳид ё сохтори алоҳида, балки тамоми Бонк аст;
- Мо дастаи муттаҳиде, ки нишонамон самарабахшӣ аст;
- Мо ҳама вақт омодаем, ки барои инкишофу рушди кормандон кӯмак намоем;
- Мо содиқ ба Бонкем, кор дар як тим, комёбии умумӣ – муваффақияти ҳар як шахс аст.

## 4. Талаботҳои ахлоқӣ ба кормандони Бонк

### 4.1. Талабот барои мувофиқ ва лоиқ будан ба кор

**4.1.1. Кормандони Бонк ӯҳдадоранд:**

- талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва меъёрҳои дохилии Бонкро риоя намоянд;
- бо муқаррароти Кодекси мазкур шинос шуда, дар кори ҳаррӯзаи худ мувофиқи он амал кунанд ва аз рафтори номуносиб худдорӣ намоянд;
- ӯҳдадориҳои вазифавии худро бо сифат ва сари вақт анҷом диҳанд, кӯшиш кунанд, ки ҳалли беҳтарини корро пайдо кунанд, барои натиҷаи кори кардаашон масъулият ҳис намоянд;
- хатогиҳои худро эътироф намуда, бо мақсади кам кардани оқибатҳои манфии имконпазир роҳбаронро оиди хатогиҳои содиршуда саривақт хабардор намоянд.
- Кормандони Бонк мувофиқ ба фаъолияти кории худ соҳиби тахассус ва таҷрибаи кофӣ мебошанд, инчунин доимо барои баланд бардоштани дониш ва малакаи худ саъю кӯшиш менамоянд.

**4.1.2. Ҳар як корманди Бонк:**

- Симои Бонк мебошад ва барои баланд бардоштани нуфузи Бонк мусоидат бояд кунад;
- Бо худ ва мизоҷон бо масъулият муносибат менамояд;
- Худ ва атрофиёнро вобаста аз имконият такмил медиҳад;
- Намунаи одоб, ростқавлӣ, некхоҳӣ, ташаббускорӣ буда, ҳамкорон, оила, башарият ва табиатро эҳтиром мекунад;
- Аъзои ташкилотҳои бо қонунгузорӣ манъкардашуда намебошад ва дар оянда низ аъзо намешавад;
- Аз масъулият наметарсад ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок менамояд;
- Вақти кориро самаранок истифода мебарад, амалҳоеро, ки ӯро аз сари вақт иҷро намудани вазифаҳои худ дур месозад, канораҷӯӣ менамояд;
- Меҳнати дигар кормандони Бонкро эҳтиром мекунад;
- Масъулияти таъмини амнияти моликияти ба ӯ супоридашударо ҳис менамояд.
- Барои истифодаи оқилонаи захираҳои Бонк масъулият ҳис мекунад

### 4.2. Талабот ба салоҳиятнокӣ ва таълим

**4.2.1.** Ҳар як корманд, новобаста аз вазифаи худ, бояд ба талаботи салоҳиятнокӣ, ки барои ин ё он вазифа ҷорӣ карда мешавад, мувофиқат кунад.

**4.2.2.** Талаботҳои умумӣ ба салоҳиятнокӣ инҳоянд:

- дониши умумии касбӣ;
- донистани қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ, ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилие, ки бевосита ба амалиётҳои (корҳо, вазифаҳо) аз тарафи корманд иҷрошаванда тааллуқ доранд;
- дониш, қобилият ва малакаи бехавф иҷро намудани амалиётҳо (корҳо, вазифаҳо), ки ба вазифаҳои хизматии корманд дохил карда шудаанд;
- дониш ва малакае, ки ба ташхис, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои душвор имконият медиҳад.
- дониш ва малакаҳое, ки барои ворид намудани махсулот ва хизматрасонихои технологӣ ва рақамӣ имкон медиҳанд.

**4.2.3.** Ҳар як корманди Бонк барои баланд бардоштан ва нигоҳ доштани сатҳи баланди дониш ва малакаи худ, аз ҷумла донишҳои касбӣ чораҳо меандешад.

**4.2.4.** Рушди кормандон маҷмӯи чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки он барои беҳтар намудани ҳайати сифатноки кормандон, дар навбати аввал бо роҳи баланд бардоштани тахассуси онҳо равона карда шудааст.

**4.2.5.** Кормандони Бонк хуб дарк менамоянд, ки рушди мунтазами касбӣ ва дониш калиди пешрафт дар вазифа мебошад.

**4.2.6.** Роҳбарони Бонк ҳангоми ба вазифаи баланд гузоштани кормандон ба кормандони болаёқат, ки дар рафти фаъолияти худ, ба кори худ шавқу рағбат ҳосил мекарданд, донишҳои касбӣ ва малакаи худро баланд мебардоштанд, афзалият медиҳанд.

### 4.3. Талабот ба намуди зоҳирии кормандон (Дресс-код)

**4.3.1.** Намуди зоҳирии корманд ифодакунандаи симои Бонк аст ва барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, ки бояд самаранок истифода гардад, мусоидат менамояд.

**4.3.2.** Барои кормандони Бонк дар вақти корӣ пӯшидани либоси расмӣ ҳатмӣ аст. Талаботҳои аниқ нисбат ба либоси расмии кормандони Бонк дар ҳуҷҷати алоҳидаи дохилӣ муайян карда мешаванд.

### 4.4. Талаботҳои иловагӣ ба роҳбарон

Роҳбарони ҳар як сохтори Бонк ӯҳдадоранд:

- Дар гуфтор, рафтор ва одобу ахлоқ барои кормандон намунаи ибрат бошанд;
- Шиносоии кормандонро бо принсипҳо ва арзишҳои Кодекси мазкур таъмин намоянд;
- Мусоидат ба фарохам овардани мухити корӣ, ки дар он кормандон метавонанд ибрози андеша кунанд, масъалаҳоро муҳокима намоянд ва худро озод ҳис кунанд.
- Амалҳое, ки хилофи қонунгузорӣ, Кодекси мазкур ва дигар принсипҳои ахлоқӣ мебошанд, пешгирӣ намоянд.
- Барои пешгирӣ намудани вайронкунии принсипҳои ахлоқӣ ва тадбирҳои таъсиррасон, чораҳои фаврӣ андешанд;
- Аз болои кормандон оид ба риоя намудани талаботҳои Кодекси мазкур ва қоидаҳои ахлоқӣ дар Бонк назорат баранд.
- Гузаронидани баходихии доимии мутобиқати фаъолияти воҳиди идорашаванда ба талаботи меъёрии ҶТ, қоидаҳои дохилии Бонк ва таъмини риояи талаботҳо.

## 5. Муносибати мутақобила бо кормандон, мизоҷон, контрагентҳо, шарикони тиҷоратӣ ва намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

**5.1.** Муносибатҳои Бонк бо ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, мизоҷон, контрагентҳо, шарикони тиҷоратӣ ва дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тибқи принсипҳои боинсофӣ, ростқавлӣ, кордонӣ, эътимод ва эҳтироми мутақобила, афзалияти манфиати мизоҷон, вайрон накардани ӯҳдадориҳо, пурра ошкоркунии маълумоти зарурӣ, афзалияти гуфтушунидҳо пеш аз мурофиаи судӣ, шаффофият ва пешгӯӣ бунёд мегарданд.

**5.2.** Кормандони Бонк барои кам намудани ҳама гуна хавф барои мизоҷон, шарикони тиҷоратӣ ҳамаи чораҳоро меандешанд.

**5.3.** Кормандони Бонк саъю кӯшиш менамоянд, ки ҳангоми ҳамкорӣ бо Бонк мизоҷон, контрагентҳо ва шарикони тиҷоратӣ дар принсипҳои боинсофӣ, ростқавлӣ, кордонӣ, боварӣ ва эҳтироми мутақобила ҳамфикр бошанд. Кормандони Бонк ҳама корро иҷро менамоянд, то ин ки боварӣ ҳосил намоянд, ки мизоҷон, контрагентҳо ва шарикони тиҷоратӣ ин принсипҳоро пайгирӣ намуда, риоя мекунанд.

**5.4.** Ҳангоми аз ҷониби кормандони Бонк ошкор гаштани иҷро карда натавонистани (воқеӣ/имконпазир) ӯҳдадориҳо аз ҷониби мизоҷ, контрагент ё шарикони тиҷоратӣ дар назди Бонк, корманди Бонк фавран доир ба масъалаи мазкур роҳбари бевоситаи худро огоҳ менамояд.

**5.5.** Корманди Бонк бодиққат ва сари вақт ҳар як муроҷиат, шикоят ва даъворо тафтиш мекунад ва ба онҳо ҷавоб медиҳад.

**5.6.** Корманди Бонк (бевосита ё тавассути Шахсони вобаста) ба мизоҷон, шарикони тиҷоратӣ, контрагентҳо, намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ имтиёз ва афзалият намедиҳад.

**5.7.** Корманди Бонк ҳақ надорад аз номи Бонк оиди мизоҷ, контрагент, шарикони тиҷоратӣ тадқиқот гузаронда, ба онҳо баҳогузорӣ намояд, агар он бо иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии ӯ дар Бонк робита надошта бошад.

**5.8.** Муносибатҳо бо рақибони Бонк дар асоси принсипҳои бовиҷдонӣ ва эҳтироми мутақобила бунёд мегардад. Дар ҳолати пайдо шудани ихтилофот ва баҳсҳо дар рақобат, афзалият ба гуфтушунидҳо ва ҷустуҷӯи созиш дода мешавад.

**5.9.** Бонк бо кормандони худ муносибатҳои худро дар асоси принсипҳои ҳамкории тӯлонӣ, эҳтироми мутақобила ва иҷроиши ҳатмии ӯҳдадориҳо бунёд месозад.

**5.10.** Бонк ба поймолшавии ҳуқуқҳои сиёсӣ, динӣ, нажодии кормандон ҳангоми ба кор қабул намудан, кору фаъолият кардан ва ҳангоми пардохти музди меҳнат ва ба вазифаи баланд гузоштан, роҳ намедиҳад.

**5.11.** Бонк барои ҳифзи саломатӣ, меҳнат ва таъмини бехатарии кормандон тадбирҳо меандешад. Бонк барои рушди касбӣ ва беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии кормандони Бонк чораҳо меандешад.

**5.12.** Корманди Бонк ӯҳдадор аст, ки фавран ба сардори бевоситаи худ оид ба пешниҳод шудани таклиф ва қабули қарор оиди ба кори дигар гузаштан хабар диҳад.

**5.13.** Корманди Бонк барои баён намудани ақидаҳое, ки ба нуфузу эътибори Бонк таъсири манфӣ мерасонад, худдорӣ менамояд (аз ҷумла дар шабакаҳои иҷтимоии интернет).

**5.14.** Дар ҳолате, ки намояндагони васоити ахбори омма аз корманди Бонк шарҳи ягон масъаларо дархост менамоянд, корманди Бонк бояд тавсия диҳад, ки ба воҳиди ваколатдор муроҷиат намоянд.

**5.15**. Мусоидат намудан ба шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор дар гузаронидани аудит, дастрасӣ ба бино ва маълумоти Бонк дар асоси ҳуҷҷатҳои қонунӣ ва расман додашуда.

## 6. Ҳифзи Бонк ва саҳмдорони он, мизоҷон, шарикони тиҷоратӣ ва кормандони Бонк

**6.1.** Таъмини ҳифзи ҳуқуқи саҳмдорон, муштариён, шарикони тиҷорӣ ва кормандони Бонк афзалият дорад. Бонк тамоми чораҳоро меандешад, ки ба ташкили низоми боэътимод равона карда шудаанд ва барои ҳимояи ҳуқуқҳои саҳҳомон, муштариён, шарикони тиҷорӣ ва кормандони Бонк саъйи зиёд ба харҷ медиҳанд.

**6.2.** Кормандони Бонк, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар пешгирии ҳама гуна амали ғайриқонунии кормандони Бонк, муштариён, шарикони тиҷоратӣ ва дигар шахсони сеюм нисбат ба давлат ва ҷомеа фаъолона иштирок мекунанд.

## 7. Тартиби гузаронидани амалиётҳо аз ҷониби кормандони Бонк

**7.1.** Ба кормандони Бонк ва аъзоёни оилаҳои онҳо тавсия дода мешавад, ки барои гирифтани хизматрасониҳои молиявӣ барои мақсадҳои шахсӣ ба Бонк муроҷиат кунанд, аммо чунин хизматрасониҳо бояд дар ҳамон шартҳое, ки ба дигар мизоҷон пешниҳод карда мешаванд, ё ҳангоми мавҷудияти барномаи корпоративии Бонк - монанди кормандони дигар пешниҳод карда мешаванд.

**7.2.** Дар ҳолати набудани ихтилофот бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, истифодаи шароитҳои махсус барои хизматрасонии кормандон ба сифати мизоҷон танҳо дар доираи барномаҳои махсуси рушди ҳавасмандгардонӣ иҷозат дода мешавад.

**7.3.** Ба кормандони Бонк гузаронидани амалиётҳо тавассути ҳисобҳои худ, инчунин амалиётҳои ҳаннотӣ бо мақсади гирифтани фоида қатъиян манъ аст. Ба кормандон додани маслиҳатҳо ба шахсони сеюм барои гузаронидани амалиёт ё пешниҳоди иттилооте, ки метавонанд ба Бонк хароҷоти иловагӣ расонанд, манъ аст.

**7.4.** Кормандони Бонк набояд моликияти Бонкро ба нафъи худ истифода намоянд.

## 8. Ҳуҷҷатнигорӣ ва ҳисоботҳо

**8.1.** Ҳисоботи молиявӣ ва ғайримолиявии Бонк мутобиқи стандартҳои қабулшуда тартиб дода шуда, вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти Бонкро дар тамоми ҷанбаҳои моддӣ пурра инъикос менамояд.

**8.2.** Кормандони Бонк дар доираи салоҳияти худ ва мутобиқи қоидаҳои (регламент) равандҳои корӣ, бояд ба таври дақиқ, дуруст, сари вақт ва пурра ҳисобот оид ба нишондиҳандаҳои фаъолияти худ ва фаъолияти Бонкро таҳия намоянд. Пешниҳод намудани ҳисоботи носаҳеҳ, нопурра, баҳснок ва бемаврид норавост.

## 9. Муқовимат ба ришвагирӣ ва коррупсия

**9.1.** Дар фаъолияти худ Бонк қоидаи қабул накардани ришваро дар ҳама гуна шакл ва тарз пеша мекунад ва мусоидат барои баланд бардоштани сатҳи маданияти зиддикоррупсиониро дар ҷомеа қарзи худ медонад.

**9.2.** Ба корманди Бонк дар ҳар кадом ҳолат пешниҳод намудан, додан, ваъда додан, хоҳиш кардан ва гирифтани ришва ё анҷом додани пардохтҳо барои соддагардонии тартибҳои маъмурӣ, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва дигар тартибҳо дар ҳама гуна шакл, аз ҷумла ба тарзи мустақим ё ғайримустақим, шахсан ё тавассути шахсони сеюм манъ мебошад.

**9.3.** Ҳар як корманди Бонк дарк мекунад, ки гирифтани ришва вайронкунии бадқасди қонунгузорӣ ба ҳисоб рафта, барои содир кардани он дар асоси қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст.

## 10. Муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонӣ) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом

**10.1.** Бонк ва тамоми кормандони он дар фаъолияти кории худ талаботҳои Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонӣ) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом”, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки кори МҚД/МТ/МПСҚО-ро ба танзим медароранд, бечунунчаро риоя менамоянд.

**10.2.** Ҳамаи кормандони Бонк бо мақсади танҳо бо мизоҷони боэътимод, ки бо фаъолияти ғайриқонунӣ машғул нестанд ва танҳо аз манбаҳои қонунӣ даромад мегиранд, ҳамкорӣ намуда, дар доираи салоҳияти вазифавии худ чораҳои заруриро дар самти МҚД/МТ/МПСҚО меандешанд.

**10.3.** Дар Бонк Сиёсат дар самти МҚД/МТ/МПСҚО таҳия карда шудааст, ки иҷрои талаботҳои он барои ҳамаи кормандон ҳатмист.

## 11. Гирифтани тӯҳфа аз ҷониби кормандони Бонк

**11.1.** Бонк ҷонибдори рушди муносибатҳои шарикона бо мизоҷон ва контрагентҳо буда, мубодилаи тӯҳфаҳои корпоративиро, ки ба таҷрибаи корӣ муносиб мебошад, амалӣ месозад.

**11.2.** Тӯҳфаҳо бояд бевосита ҳадафи қонунӣ дошта бошанд ва набояд таассуроти нодурустро пайгирӣ кунанд.

**11.3.** Гирифтани тӯҳфаҳои зерин аз ҷониби кормандон қатъиян манъ аст:

- Гирифтани тӯҳфаҳои зерин аз ҷониби кормандон қатъиян манъ аст:
- Гирифтани тӯҳфаҳое, ки танҳо ба шахсияти корманд тааллук доранд.

**11.4.** Ба кормандони Бонк қабул кардани тӯҳфаҳо иҷозат дода мешавад, агар он аз ҷониби мақомоти давлатӣ, дигар ташкилоту муассисаҳо ва роҳбарияти Бонк (дар рӯзҳои ид, барои фаъолияти тӯлонӣ, барои корҳои илмию тадқиқотӣ, дастовардҳои варзишӣ ва ғайра) ба таври расмӣ тақдим карда шавад. Арзиши тухфа бояд то 300 сомонӣ бошад. Хангоми гирифтани тухфа бо арзиши беш аз 300 сомонӣ, кормандони бонк вазифадоранд дар давоми як рӯзи корӣ департаменти комплаенс - хавфро дар бораи гирифтани тӯҳфа бо арзиши беш аз 300 сомонӣ хабар диҳанд.

## 12. Масъулият дар махфияти маълумот

**12.1. Ҳифзи маълумоти махфӣ ва тартиби ифшои он**

**12.1.1.** Кормандони Бонк барои махфӣ нигоҳ доштани сирри бонкӣ ӯҳдадории хаттиро пешниҳод менамоянд.

**12.1.2.** Ҳаҷми маълумоти ба мизоҷон, шарикони тиҷоратӣ пешниҳодшаванда бо хусусияти хизматрасониҳои бонкӣ, ки ба онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мазкур ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк пешниҳод карда мешаванд, муайян карда мешавад.

**12.1.3.** Корманде, ки ба маълумоти инсайдерӣ ва маълумотҳои махфии Бонк дастрасӣ доранд, онро танҳо барои иҷрои вазифаҳои хизматиаш тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мазкур ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк истифода мебаранд.

**12.2. Тартиби гузаронидани амалиёт бо истифода аз маълумоти инсайдерӣ ва бартарафкунии сӯйистифода аз маълумоти мазкур**

**12.2.1**. Истифода намудани маълумоти инсайдерӣ ба манфиати кормандон қатъиян манъ буда, барои ифшо намудани маълумоти инсайдерӣ тибқи қонунгузории ҶТ ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамаи кормандон ҳангоми кор бо маълумоти инсайдерӣ ӯҳдадоранд:

**12.2.2.** Аз гузаронидани амалиётҳо бо суратҳисобҳои худ ба манфиати худ бо истифода аз маълумоти инсайдерӣ худдорӣ намоянд ва инчунин ба шахсони сеюм оиди анҷом додани амалҳои мазкур маслиҳат надиҳанд.

**12.2.3.** Маълумоти инсайдериро берун аз Бонк, аз ҷумла ба аъзоёни оилаи худ ва ҳамкорон, ки ба чунин маълумот пеш аз интишори расмӣ дастрасӣ надоранд, ифшо накунанд;

Маълумоти инсайдериро ба дигар кормандони Бонк танҳо тибқи тартиби қабулшуда дар Бонк диҳанд.

**12.2.4.** Интиқоли маълумоти инсайдерӣ ба дигар кормандони бонк танҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Бонк.

**12.3 Сӯйистифода намудан дар бозори молиявӣ**

**12.3.1.** Бонк ва кормандони он бо мақсади пешгирии сӯйистифода дар бозори молиявӣ ба инҳо роҳ намедиҳанд:

- таҳрифи маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ, Бонк ва рақибони он, инчунин вайрон намудани маълумотҳои бозори молиявӣ;
- сиёсати нархгузории беинсофона дар бозори молиявӣ ва бозори хизматрасониҳои бонкӣ:
- пинҳон намудани маълумот дар бораи ҳуқуқи воқеии моликият, ки тавассути истифодаи ҳуҷҷатҳо ё ширкатҳои сохта ба даст омадааст;
- истифода бурдани иттилооти бардурӯғ бо мақсади фишор овардан ба рақибон;
- дидаву дониста паст ё баланд намудани маблағи хизматрасониҳое, ки ба танзими талабот ва ҷалби диққати мизоҷон, ба истисноии аксияҳои маркетингии Бонк, равона шудаанд;
- бастани аҳдҳо бе додани ҳуқуқи моликият.

## 13. Пешгирии бархӯрди манфиатҳо

**13.1. Тартиби пешгирии бархӯрди манфиатҳо бо шахсони вобаста ва кормандони Бонк**

**13.1.1.** Бонк ҳангоми хизматрасонӣ ба шахсони вобаста шартҳои имтиёзнок пешниҳод намекунад.

Бонк тақсимоти дақиқи ӯҳдадориҳои кормандон ва хориҷ кардани ҳолатҳои ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳоро дар самти масъулияти кормандон амалӣ месозад. Муайянсозӣ, камкунӣ, назорати қатъии мустақил дар самти бархӯрди эҳтимолии манфиатҳо яке аз равандҳои афзалиятноки Бонк мебошад.

**13.1.2.** Кормандон набояд ба он роҳ диҳанд, ки манфиат, ғаразнокии шахсии онҳо, дигар шахсон ба беғаразии фикрронии касбии онҳо таъсир кунанд. Бояд аз ҳолатҳое, ки манфиати шахсӣ бо манфиатҳои мизоҷони Бонк ихтилоф менамояд ва ҳангоми онҳо метавонад бархӯрди манфиатҳо ба вуҷуд ояд, худдорӣ намуд.

**13.1.3.** Бонк метавонад имконияти қабули қарорҳои мустақил ва амалҳои мустақилро ба корманде, ки дар ҳолати бархӯрди манфиатҳо қарор дорад, маҳдуд кунад.

**13.1.4**. Ҳангоми ба миён омадани эҳтимолияти потенсиалии бархӯрди манфиатҳо, кормандони Бонк фавран сардори бевоситаи худро ва/ё Хадамоти комплаенс - хавфро барои пешниҳод кардани маслиҳатҳои зарурӣ оид ба иҷрои амалҳои оянда дар чунин ҳолат, огоҳ месозанд.

**13.1.5.** Бо мақсади паст намудани хавфи ба миён омадани бархӯрди манфиатҳо, Бонк принсипи маҳдуд кардани ҳолатҳои бо хешовандони наздик ҳамкорӣ намуданро риоя мекунад, инчунин протексионизмро дар асоси хешутаборӣ манъ мекунад.

**13.1.6.** Якҷоя кору фаъолият намудани хешовандони наздик дар Бонк, ки дар тобеияти бевосита қарор доранд - иҷозат дода намешавад.

**13.2. Ҳалли низоъ ва вазъиятхои мунокишавӣ**

**13.2.1**. Ҳангоми ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ, Бонк ва кормандони он мекӯшанд, то роҳи халли онро бо роҳи созиши дутарафа ба даст биёранд.

**13.2.2.** Ҳалли низоъ бо назардошти он ки ба Бонк зарари камтарин расонад, халлу фасл карда мешавад. Вазъияти мунокишавии ба миёномада дар муддати кӯтоҳтарини имконпазир ҳаллу фасл карда мешавад.

**13.2.3.** Дар ҳолати сар задани низоъ, Бонк мекӯшад, то ба тарафҳои мунокишакунанда беғаразона муносибат кунад.

## 14. Тартиби хабардор кардан дар бораи фаъолияти ғайриқонунӣ

**14.1.** Департаменти комплаенс – хавф воҳиди сохтории бонк мебошад ва дар кабулу баррасии ҳисоботҳо оиди далелхои фаъолияти ғайриқонунии кормандони Бонк салоҳиятнок аст.

**14.2.** Вақте, ки корманд шоҳиди ягон ҳолати вайрон кардани талаботҳои қонунгузории санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ мешавад, ё аз ӯ содир намудани амале, ки метавонад ба вайронкунии он оварда расонад, талаб карда мешавад, вай фавран ба сардори бевоситаи худ ё ба хатҳои мавҷудбудаи иттилоотӣ, "Хати фаврӣ", ки маълумотҳои тамосии он дар портали корпоративии Бонк гузошта мешаванд, хабар медиҳад .

**14.3.** Хабардор накардан дар бораи фаъолияти ғайриқонунӣ ҳамчун пинҳон ё мусоидат намудан ба фаъолияти ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.

**14.4.** Бонк ба ҳамаи кормандон кафолат медиҳад, ки паёмҳои ирсол намудаи онҳо бо таври ҳатмӣ баррасӣ карда мешаванд.

**14.5.** Кормандон ҳуқуқ доранд паёмҳое, ки муаллифашон номаълуманд, ба "Хати фаврӣ" фиристанд. Ба шахсе, ки паёми вайрон кардани талаботро фиристодааст, махфият кафолат дода мешавад.

**14.6.** Ҳеҷгуна таҳрим аз ҷониби Бонк нисбат ба корманде, ки софдилона мувофиқи талаботҳои қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ ва ҳуҷҷатҳои дохилии дар Бонк амалкунанда доир ба ҳуқуқвайронкуниҳои эҳтимолӣ, ҳолатҳои хусусияти коррупсионӣ дошта, дигар сӯйистифодабарӣ ё ғайрисамаранок будани тартибҳои ҷорӣ хабар медиҳад, татбиқ карда намешавад.

**14.7.** Хангоми барои хабардиҳӣ омилҳои беруна ё ҳолати кунунии дохилӣ монеъгӣ накардан, кормандон фавран пас аз ошкор намудани ҳуқуқвайронкунӣ ба сохтори дахлдор хабар медиҳанд.

**14.8.** Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки фавран бояд ба Хадамоти аудити дохилӣ ва Хадамоти комплаенс - хавф расонида шаванд, инҳоянд:

- пешниҳод ё гирифтани ришва, ваъда додан ба додани ришва, дигар амалҳои коррупсионӣ;
- ҳолатҳои қаллобӣ;
- амалҳое, ки ба таҳрифи ҳисоботҳо равона карда шудаанд;
- амалҳое, ки хавфи назарраси талафи нуфузу эътибор ё хавфҳои ҳуқуқӣ барои Бонк доранд;
- вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ, ки дар натиҷаи он ба корманд/кормандон ё Бонк зарар расидааст ё метавонад зарар расад;
- ҳар гуна воридотҳо (дар намуди пасандоз, қарз, хариди коғазҳои қиматноки Бонк) ба Бонк бо маблағи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи манбаи пайдоиши онҳо;
- ҳама гуна созишҳо ба маблағи аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида бо пардохти накдӣ;
- амалиётҳои ҳаннотӣ бо коғазҳои қимматноки корпоративӣ;
- аз нав барасмиятдарорӣ ё додани ҳуқуқи талаб ба воситаҳои молиявӣ бидуни пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда;
- оиди аҳдҳои/амалиётҳои шубҳанок ва амалиётҳои ҳатман назоратшаванда, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ муайян карда мешаванд;
- дигар амалиётҳо ё аҳдҳое, ки қонунӣ буданашон шубҳанок аст.

## 15. Иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ, хайриявӣ ва сарпарастӣ

**15.1.** Бонк принсипҳои масъулияти баланди иҷтимоиро риоя мекунад.Борои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори худ дар лоиҳаҳои муҳими иҷтимоӣ дар соҳаҳои варзиш, фарҳанг ва санъат, илму маориф, инчунин барномаҳои хайрия ва волонтёрӣ иштирок менамояд. Рушди ҷавононро дастгирӣ мекунад, дар барномаҳои рушди устувори шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин иштирок мекунад, ташаббусҳои экологиро дастгирӣ ва амалӣ менамояд ва фарҳанги тафаккури сабзро инкишоф медиҳад.

**15.2.** Бонк худро ҳамчун унсури ҷудонашавандаи муҳити ҷамъиятие, ки дар он фаъолият мекунад ва барои барқарор кардани муносибатҳои мустаҳкам дар асоси эҳтиром, эътимод, ростқавлӣ ва адолат кушиш мекунад.

**15.3**. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини Бонк ин ба роҳ мондани фаъолият мутобиқи принсипҳои ESG мебошад. Бонк кӯшиш мекунад, ки бо татбиқи модели оқилонаи истеъмол (сарфаи нерӯи барқ, коғаз, сӯзишворӣ ва ғ.) мутобиқи талабот ва принсипҳои татбиқшавандаи миллӣ ва байналмилалӣ дар самти ESG ва рушди устувор ба муҳити зист эҳтиром гузорад. Бонк кӯшиш мекунад, ки захираҳои худро оқилона идора карда, таъсири манфии онҳоро ба муҳити зист ва ҷомеа ба ҳадди камтарин расонад. Мо муштариён, шарикони тиҷоратӣ ва кормандонро тарғиб мекунем, ки дар ташаббусҳое, ки ба ҳифз ва барқарорсозии муҳити зист ва беҳбудии ҷомеа нигаронида шудаанд, иштирок кунанд.

**15.4.** Бонк дар фаъолияти созмонҳои сиёсӣ ва динӣ иштирок намекунад ва фаъолияти онҳоро маблағгузорӣ намекунад.

**15.5.** Кормандоне, ки дар соатҳои ғайрикорӣ дар фаъолияти сиёсӣ, динӣ ё дигар фаъолиятҳои иҷтимоӣ иштирок мекунанд, дар чунин ҳолатҳо бояд танҳо ба сифати шахсони воқеӣ баромад намоянд, на ба сифати намояндагони Бонк.

**15.6.** Дар ҳудуди Бонк ташвиқот ба манфиати ягон ҳизби сиёсӣ ё номзад, инчунин аз ҷониби кормандон паҳнкунии назар ва ақидаҳои динии худ иҷозат дода намешавад.

**15.7.** Дар Бонк ба рушди тиҷорати хурд ва иштирок дар лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд, диққати ҷиддӣ дода мешавад.

## 16. Шабакаҳои иҷтимоӣ

**16.1.** Рафтори кормандони Бонк дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд ба принсипҳо ва қоидаҳои рафтори корӣ ва одоби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои ҳуқуқии дохилии Бонк мувофиқат кунад.

**16.2.** Ҳангоми истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, кормандони Бонк:

- бо номи аслии худ сабти ном шаванд;
- маълумотеро ҷой диҳад, ки ба симои корманди Бонк, ки Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии Бонк муқаррар кардааст, мувофик бошад;
- фаъолияти Бонкро муҳокима накунанд, бо истифода аз маълумотҳои хизматӣ аз номи Бонк, ки ба обрӯи бонк зарар мерасонанд, ҷавоби расмӣ надиҳанд;
- Ба саҳифаҳои Бонк дар шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Telegram, LinkedIn, Instagram) обуна мешаванд ва ба таблиғи бренди Бонк, маҳсулот ва хидматҳои он тавассути мубодилаи иттилооти расмӣ ва видеоҳои саҳифаҳои расмии Бонк дар шабакаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

## 17. Муносибат ба хавфҳо

**17.1.** Идоракунии хавфҳо дар Бонк ин ҷараёнӣ доимӣ ва бефосила буда, дар ҳамаи сатҳҳо бо ҷалби мақомотҳои идоракунии дастаҷамъи, мақомотҳои ваколатдор, сохторҳо ва кормандони Бонк ба роҳ монда мешавад.

**17.2.** Идоракунии хавфҳо тавассути низоми мукаммали назорати анҷом додани ҳама гуна амалиёти бонкии хавфнок, ки дар он воҳидҳои сохтории Бонк, ки бевосита ба раванди қабули хавфҳо (хати аввал), воҳидҳое, ки назорат ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи идоракунии хавфҳои воҳидҳои сохториро (хати дуюм) ва воҳидҳое, ки низоми идоракунии хавфҳоро мустақилона баҳодиҳӣ мекунанд (хати сеюм) иштирок мекунанд, амалӣ карда мешавад

**17.3.** Бонк бо роҳи зерин барои муайян ва паст намудани хавфҳои бавуҷудомада кӯшиш ба харҷ медиҳад:

- баҳодиҳии ҳама гуна ҳолатҳои корӣ бо назардошти эҳтимолияти оқибатҳои манфӣ;
- риояи талаботи санадҳои меъёрии берунӣ ва дохилӣ;
- машварат бо сохтори дахлдори хавфҳо ҳангоми ба вуҷуд омадани хавфҳои нав;
- ҳамкории мутакобила байни кормандон барои таҳияи хулосаҳои ва қарорҳои муштарак оид ба кам кардани хавфҳо.

**17.4.** Бонк иштироки фаъолонаи кормандонро дар идоракунии хавфҳо истиқбол мекунад. Мо кӯшиш менамоем, ки ҳолатҳоеро, ки метавонанд ба Бонк таъсири манфӣ расонанд, ба ҳадди ақалл кам ва бартараф кунем.

## 18. Ворид намудани тағйиротҳо ба Кодекс

Кодекс давра ба давра, вале на камтар аз як маротиба дар ду сол бо роҳи тасдиқи таҳрири нав бо мақсади мувофиқат ба талаботи нави ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ахлоқие, ки дар амалияи ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон, сохтор ва стратегияи рушди соҳибкорӣ қабул шудаанд, тағйир дода мешавад. Таҳрири нави Кодекс бо пешниҳоди Раёсат аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ карда шуда, лоиҳа дар сохторҳои дахлдори Бонк мавриди муҳокимаи пешакӣ қарор дорад.

## 19. Масъулияти кормандон ҳангоми вайрон кардани талаботҳои Кодекс ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк

**19.1.** Риояи муқаррароти Кодекси мазкур барои ҳамаи кормандони Бонк ҳатмист.

**19.2.** Роҳбарони ҳамаи сатҳҳо ӯҳдадоранд, ки риояи талаботи Кодекси мазкурро аз тарафи кормандони ин сохторҳо, ки ба онҳо дода шудааст, ҷиддӣ назорат намоянд. Роҳбарон ӯҳдадоранд, ки рафтори кормандони худро назорат намуда, оиди ҳодисаҳои дахлдор гузориш диҳанд.

**19.3.** Барои вайрон кардани меъёрҳо, талаботҳо ва қоидаҳои Кодекси мазкур ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, на танҳо кормандон, балки роҳбарони онҳо низ ҷавобгар мебошанд. Дар баробари ин роҳбар аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад, танҳо агар исбот гардад, ки ӯ шарт ва талаботҳои Кодекс ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонкро риоя намуда бошад. Пинҳон намудани иттилоот дар бораи вайронкунии талаботҳои Кодекси мазкур низ ҳуқуқвайронкунӣ ба ҳисоб меравад.

**19.4.** Ҳангоми мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ нисбат ба кормандоне, ки ӯҳдадории вазифавии худро нисбат ба риоя намудани Кодекси мазкур иҷро намекунанд, метавонад муҷозоти интизомӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории меҳнатӣ андешида шавад.

Аз рӯзи дар таҳрири нав (таҳрири 05) мавриди амал қарор гирифтани Кодекси мазкур, таҳрири 04-и ҳуҷҷат, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон (пайнавишти №185 аз 01.05.2021) тасдиқ шудааст, беэътибор дониста шавад.